*Ватан сарҷашмаи сарбанди нур аст,*
*Вуҷуди буди мо пайванди нур аст.*

# НУРАФШОН

Нашри махсуси соли 2022, №8 (85) Email: nurafshon2022@mail.ru Сомонаи расмии Донишкада www.det.tj

Аз моҳи феврали соли 2015 нашр мешавад.

## НАШРИЯИ ДОНИШКАДАИ ЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН

### 16-соли фаъолияти Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

## ТАЪРИХ ВА ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШКАДАИ ЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН



*Исозода Диловаршоҳ Тариқ, ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон*

Барои аҳли омӯзгорон, донишҷӯён ва кормандони дигари Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон соли 2022 ҳамчун як давраи пурмасъулияти бо дастовардҳои муносибу сазовор истиқбол намудани ҷашнҳои 31-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сипарӣ гардид. Дар ин давра соҳаи илму маорифи ҷумҳурӣ тадриҷан рушд ёфта, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Дар ин бора Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронихои худ зикр кардаанд, ки Ҳукумати мамлакат маблағгузориро барои рушди илму маориф сол ба сол афзоиш дода истодааст. Танҳо соли 2022 ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 706 миллион сомонӣ ё ин ки 11,3 фоиз зиёд буда, 19 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, дар соҳаи маориф 4 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии беш аз 1 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Яъне барои соҳа, дар маҷмӯъ, қариб 7 миллиард сомонӣ равона гардидааст.

Воқеан дар шароити пешрафти босуръати илм ва техникаву технологияҳо танҳо кишварҳое рушд мекунанду мақому ҷойгоҳи сазовори худро нигоҳ дошта метавонанд, ки мардуми босаводу соҳибмаърифат, олимону донишмандон, кадрҳои баландихтисосу ихтироъкор ва техникаву технологияҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй дошта бошанд. Аз ҳамин лиҳоз дар 31 соли соҳибистиқлолӣ дар саросари кишвар 32 муассисаи таҳсилоти олӣ, 41 муассисаи таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ ва 3246 мактаб, аз ҷумла 156 муассисаи таълимии типи нав, яъне гимназия, литсей, мактабҳои байналмилалӣ ва 300 муассисаи томактабӣ бунёд гардида, барои соҳиби саводу маърифат ва илму дониш гардонидани наслҳои наврас ба маблағи 434 миллион сомонӣ зиёда аз 735 номгӯй китобҳои дарсӣ бо шумораи умумии 50 миллион нусха нашр гардид, ки далели возеҳи иқдомоти созандаи Ҳукумати мамлакат мебошад.

Боиси ифтихор аст, ки бо инобати рушди беназири энергетикаи кишвар ва тибқи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 майи соли 2006, № 211, дар заминаи коллеҷи Политехникии назди донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимии шаҳри Бохтар(собиқ Қурғонтеппа), муассисаи таҳсилоти олии нав ва дар минтақаи Осиёи Марказӣ ягона-Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар муддати 15-соли фаъолияти худ донишкада дар самти омода кардани мутахассисони лаёқатманд барои соҳаи энергетикаи ватанӣ ва давлатҳои хориҷӣ(ҶИ Афғонистон, Ҷумҳуриҳои Узбекистон, Туркманистон) давраи натиҷаҳои назаррасро ба даст овард.



Танҳо дар давоми 9 моҳи соли 2022 бо мақсади таҳия ва татбиқи маводи таълимӣ ҷиҳати ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ омодасозии мутахассисони соҳаи энергетика, дар 11 кафедра аз ҷумла 10 кафедраи таълимӣ ва як кафедраи ҳарбии донишкада ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ корҳои муайян амалӣ гардиданд. Масалан чопи мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои хориҷи дуру наздик аз қабили дахҳгонаи беҳтарини маҷаллаҳо бо забони англисӣ ва маҷмӯи маводҳои конференсияҳои бонуфуз, ки дар базаи маълумотҳои ҷаҳонӣ (БМҶ) ба монанди Scopus ва Web of Science шомил мебошанд. Дар маҷмӯъ зиёда аз 145 мақолаҳо дар Шӯроҳои КОА Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар базаи маълумотҳои ҷаҳонии Scopus ва Web of Science ба табъ расонида шуданд.

Барои фароҳам сохтани муҳити мусоид барои рушди корҳои илми-таҳқиқотӣ ва ҳавасмандсозии фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби ҳайати устодони донишкада 15 адад патент барои ихтироъкорӣ, аз он ҷумла 3 адад дар хориҷи кишвар мебошад. Ҳамзамон 2 монография дар хориҷи кишвар, 2-китоби таълимӣ, 12-дастури методӣ ва воситаҳои таълимӣ, 5 лавҳаҳои озмоишии амалкунанда омо-




да гардида, имрӯз дар истифода қарор доранд.

Ҷиҳати баланд бардоштани сифат ва муҳиммияти таҳсилот ва илм дар донишкада дар раванди таълим 78 синфхонаи таълимӣ, аз он ҷумла 28 синфхонаи озмоишгоҳи замонавӣ муҷҷаҳаз бо зиёда аз 100 номгӯи дастгоху таҷҳизоти озмоишӣ истифода шуда истодааст. Дар ин давра 24 таҷҳизоти озмоишӣ аз ҳисоби маблағҳои барномаи грантӣ «Беҳтаркунии сифати таҳсилоти хатмкунандагони ихтисоси 1-700401-03-Сохтмон ва истифодабарии НБО» ба муассиса дастрас карда шуд. Инчунин дар донишкада ба тайёрии амалии

### Сухани рӯз:

*Ягон кишвари дунё бе рушди энергетика, инчунин коммуникатсияи ҳозиразамон тараққӣ карда наметавонад.*
*Эмомалӣ Раҳмон*

донишҷӯён диққати зарурӣ дода шуда, ҳама намуд таҷрибаомӯзиҳо дар сатҳи зарурӣ гузаронида мешаванд. Таҷрибаомӯзии донишҷӯёни донишкада дар асоси шартномаҳои тарафайн мувофиқи ихтисосҳо дар ташкилоту корхонаҳои саноатӣ ва нерӯгоҳҳои барқӣ гузаронида мешавад.

Дар ин давра 4 нафар омӯзгорони Донишкада дар Форуми минтақавии таълимии манбаъҳои барқароршавандаи энергия , ки санаи 26-27 апрели соли 2022 дар шаҳри Алма-Атои Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, иштирок намуданд. Ҳамзамон дар рафти ин Форум намояндагони Донишкада, барои ҳамкории оянда бо Донишгоҳи давлатии энергетика ва алоқаи Алма- Ато барои коркард шартномаи дуҷонибаро таҳия намуданд.

Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон равобити илмию таҷрибавии худро бо 41 муассисаҳои таҳсилоти олии дохил ва хориҷи кишвар ба роҳ мондааст. Дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ алакай соли дуюм аст, ки дар Донишкада гурӯҳи муштарак бо Донишгоҳи давлатии нефту техникии Уфаи Федератсияи Россия фаъоласт, ки аз рӯи формати (1+3) дар шакли мобилияти академӣ ва



таълими шабакавӣ, яне барномаи таълимии курси 1-ум дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ва барномаҳои таълимии курсҳои 2,3 ва 4 - умро дар Донишгоҳи давлатии нефту техникии Уфа аз бар менамоянд. Ҳамзамон баҳри тақвияти бештари ҳамкориҳо байни донишкада ва муассисаи болозикр моҳи августи соли ҷорӣ як синфхонаи муштарак ва як толори дӯстии Тоҷикистону Россия бо иштироки ҳузурии намояндагони Донишгоҳи давлатии нефту техникии Уфа, Сафорати Федератсияи Россия ва Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ гардиданд, ки алакай мавриди истифодаи таълимгирандагони ин гурӯҳ қарор доранд. Ҷиҳати табодули донишҷӯён барои мукаммал намудани дониши худ 4-нафар донишҷӯёни донишкада дар Академияи хоҷагии қишлоқи ш. Кострамаи Федератсияи Россия ба муддати як сол таҳсил намуданд.

Бо инобати он, ки айни замон зиёда аз 90 соҳаҳо ва намудҳои истеҳсолоти ватанӣ, аз ҷумла истеҳсоли электроэнергия, саноати сабук ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва саноати металлургияи ранга ба энергияи электрикӣ эҳтиёҷ доранд, донишкада мо ҷаҳду талош дорад, ки мутахассисони лаёқатмандро барои кор дар ин соҳаҳо омода намояд, то ки онҳо, аз ҷумла дар амалигардонии 12 лоиҳаи давлатии сармоягузории Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷҳурии Тоҷикистон, аз қабили "Марҳалаи якуми таҷдиди НБО Норак", "Таҷдиди НБО-и Сарбанд", "Таҷдиди НБО-и Қайроқум", "Лоиҳаи минтақавии хати интиқоли барқи КАСА1000", инчунин 16 барномаю лоиҳаҳо ҷиҳати солимгардонии вазъи молиявии ширкатҳои энергетикӣ, кам намудани талафоти энергияи электрикӣ, сохтмон ва таҷдиди шабакаҳои барқӣ, саҳми арзандаи худро гузоранд.

# Факултетҳои Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

## ФАКУЛТЕТИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКА



Декани факултети электроэнергетика, Абдуназаров Сунатулло

Факултети Электроэнергетикӣ дар бино №1 ҷойгир буда, аз 4 ошёна, 21 аудиторияи таълимӣ ва 7 утоқи маъмурӣ иборат мебошад. Факултетро омӯзгор, н.и.т. Абдуназаров С.С. роҳбарӣ дорад. Факултети Электроэнергетикӣ аз давраи таъсисёбии донишкада то ин ҷониб фаъолият карда истодааст. Дар тобеъияти факултет се кафедра фаъолият мекунад, ки инҳо кафедраҳои "Нерӯгоҳҳои барқӣ", "Низом ва шабакаҳои энергетикӣ" ва "Таъминоти барқ ва бехатарии электрикӣ" мебошанд.

Дар факултет 9 синфхонаи озмоишии муҷаҳҳаз бо лавҳаҳои озмоишӣ амал мекунад, ки аз 8 фанни таълимии соҳавӣ машғулиятҳои озмоишӣ гузаронида мешавад. Донишҷӯён дар машғулиятҳои озмоишӣ аз лавҳаҳои озмоишӣ ба таври васеъ истифода мебаранд, ки донишҳои назариявии худро ба таври амалӣ иҷро менамоянд.

Усули гузаронидани машғулиятҳои маърузавӣ дар аудиторияҳо тариқи тахтаҳои электронӣ, машғулиятҳои амалӣ ё КМРО тариқи проекторҳои сайёр ва тахтаҳои одӣ, машғулиятҳои озмоишӣ бошанд, дар лавҳаҳои озмоишӣ ба роҳ монда шудааст.

***Фаъолият дар истеҳсолот.*** Донишҷӯёни ихтисосҳои дар боло зикргардида тибқи маълумотҳои дақиқ дар тамоми объектҳои соҳавӣ: нерӯгоҳҳои барқӣ, корхонаҳои саноатӣ, шабакаҳои барқӣ (интиқол ва тақсимот) ширкатҳои дохилию хориҷӣ ба ҳайси мутахассисони боломақом фаъолият намуда истодаанд.

***Ҳамкорӣ ба истеҳсолот.*** Тибқи шартномаи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ва истеҳсолот дар СНБО Вахш дар ш. Левакант ва дар ФҶСК "Шабакаҳои тақсимоти барқ" дар ш. Бохтар синфхонаҳои таълимӣ амал мекунанд, ки қисмате



аз машғулиятҳои фанҳои тахассусӣ мувофиқ ба ихтисосҳо дар он ҷо гузаронида мешаванд.

***Ҳамкорӣ ба муассисаҳо.*** Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон барои ҳамкорӣ дар фаъолияти ҳамаҷонибаи худ ба муассисаҳои олии дохилӣ ва хориҷи кишвар созишномаи тарафайн дорад. Дар асоси ҳамкориҳои дуҷониба донишҷӯёни донишкада ба мӯҳлати 6 моҳ ё 1 сол ба дигар муассиса ба таҳсил фиристода мешаванд. Ҳамин тавр, соли таҳсили 2021–2022 аз факултет 4 нафар донишҷӯи бахши 3–юми ихтисосҳои 1–430101 ва 1–430102 ба мӯҳлати 1 сол ба Академияи давлатии хоҷагии қишлоқи Костромаи Федератсияи Россия ба таҳсил фиристода шуданд. Соли таҳсили 2022–2023 бошад, 2 нафар донишҷӯёи бахши 3–юми ихтисоси 1–430101 барои таҳсил ба муассисаи номбурда фиристода шуданд. Донишҷӯёне, ки ба муассисаҳои хориҷи кишвар барои таҳсил фиристода мешаванд, бояд дониши хуби соҳавӣ ва қобилияти забондониро ба таври хуб ва каноатбахш дошта бошанд.

***Таҷрибаомӯзӣ.*** Таҷрибаомӯзӣ тибқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаҳои таълимии ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешавад. Барои донишҷӯёни бахши 2–юм таҷрибаомӯзии таълимӣ, бахши 3–юм таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва бахши 4–ум таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ муқаррар карда шудааст. Таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ ба мӯҳлати 12 ҳафта ва такрибаомӯзии пешаздипломӣ ба мӯҳлати 4 ҳафта гузаронида мешавад. Мувофиқи нақшаҳои таълимӣ таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ дар нимсолаи дуюми соли таҳсил қисмати дуюми рӯз дар истеҳсолот гузаронида мешавад. Таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ бошад, пас аз ҷамъбасти нимсола (ҳафтаҳои дарсӣ) мувофиқ ба мавзӯъҳои корҳои дипломӣ гузаронида мешавад. Донишҷӯёни факултет аз рӯи ихтисос барои



## ФАКУЛТЕТИ ЭЛЕКТРОМЕХАНИКА ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ

Факултети «Электромеханика ва технологияи инноватсионӣ» дар заминаи факултети «Электроэнергетикӣ» соли 2006 ташкил ёфта буд, соли 2014 ба факултети Электромеханика, иқтисод ва сохтмон ва соли 2021 ба факултети «Электромеханика ва технологияи инноватсионӣ» табдили ном намуд.

Дар назди факултет кафедраҳои «Ҳимояи релей ва автоматика», «Автоматонии ҳаракатовараҳои барқӣ», «Манбаъҳои баркароршавандаи ғайрианъанавии энергия ва энергетикаи ҳароратӣ» таъсис дода шудаанд.

Айни замон дар факултет 27 нафар омӯзгори штатӣ, аз ҷумла, 10 номзади илм, 10 саромӯзгор, 7 ассистент фаъолият доранд, ки 37 % теъдоди умумии онро номзадҳои илмҳо ташкил медиҳанд.



Шумораи умумии донишҷӯёни факултет 345 нафар буда, аз он 150 нафар буҷавӣ ва 169 нафар тариқи шартномавӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Тибқи квотаи президентӣ 25 нафар писарон дар шуъбаи рӯзона таҳсил мекунанд.

Дар факултет раванди навоварӣ ва ихтироъкорӣ бо маром ҷараён дошта, омӯзгорон танҳо дар соли таҳсили 2021-2022 аз рӯйи 12 ихтироот, 7 нахустпатент ва 3 шаҳодатномаи Маркази миллии патенту иттилоотро ба даст оварда, 1 ихтирои дигар барои гирифтани патенти Авру-Осиё пешниҳод гардидааст.

Ҳамчунин, факултет дорои 14 синфхонаи озмоишиву амалӣ мебошад, ки имкониятҳои фаровони техникиро доро мебошад.

Дар маҷмӯъ, факултет ҳамаи шароити мусоидро доро буда, омода аст, ки мутахассисони ба талаботи замонӣ мусоир ҷавобгӯро тарбия ва ба камол расонад.

Бояд зикр намуд, ки корхонаҳои ҳозиразамони саноатӣ бо таҷҳизотҳои муосири барқӣ, ба хотири паст намудани хароҷотҳои истеҳсолиашон, таҷҳизонида шудаанд, ки он истифодаи дурусту сарфакоронаи энергияи барқ ва гармиро талаб менамояд, мутахассисони хуби соҳибтаҷрибаи соҳаи баркро интихоб менамоянд.

Ихтисосҳое, ки дар факултети мазкур омӯзонида мешаванд, оянда дар корхонаҳои истеҳсоли барқ яке аз мутахассисони соҳибмаълумот шуда, кору фаъолияти худро идома медиҳанд.



Декани факултети электромеханика ва технологияи инноватсионӣ
Одинаев Некқадам



## Нуқтаи назар



Банда аз даврахои кӯдакӣ орзуи корманди соҳаи энергетика буданро доштам. Падарам ҳамеша мегуфт, ки мактабро хатм кардӣ, ҳатман дар донишгоҳ ихтисоси баркҷӣ дохил мекунам. Ҳамин ҳам шуд, ки имрӯз донишҷӯи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон шуда, таҳсил менамоям. Ташаккур ба устодоне, ки имрӯз моро аз нозукиҳои ин касби пуршараф дарс меомӯзонанд.

*Эҳсон Сангинмуродов, донишҷӯи курси якуми ихтисоси Автоматикунонии ҳифзи релей*

Камина тибқи квотаи президентӣ дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дохил шудам. Интихобам хато набаромад, чунки Донишкада бароям имконияти дар хориҷа таҳсил намуданро дод. Соли 2021 маро барои идомаи таҳсил ба Федератсияи Русия дар Академияи давлатии кишоварзии Кострома (Костромская государственная сельскохозяйственная академия (КГСХА)) фиристоданд. Тӯли як сол таҳсил карда, ба Тоҷикистон баргаштам. Дар Академияи давлатии кишоварзии Кострома ман бо мутахассисони варзидаи соҳа, озмоишгоҳҳои замонавӣ, дӯстони хориҷӣ шинос шуда, ҷаҳонбиниамро васеъ намудаум. Оянда мехоҳам, ки муҳандиси варзидаи соҳаи худ шуда, саҳми худро дар пешрафту тараққиёти кишвар гузорам.

*Одинаев Маҳмадсафар, донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси нерӯгоҳҳои барқӣ*



## ФАКУЛТЕТИ МУҲАНДИСӢ ВА ИҚТИСОДИЁТИ СОҲАВӢ



Декани факултети муҳандисӣ ва иқтисодиёти соҳавӣ Раҳимов Хуршед

Факултети муҳандисӣ ва иқтисодиёти соҳавӣ дар самти тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаҳои иқтисодӣ, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика), сохтмони гидротехникӣ, сохтмон ва истифодабарии нерӯгоҳҳои обию барқӣ ва муҳандисӣ дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона корбарӣ мекунанд.

Факултет бо тамоми шароити моддӣ – техникии таълим муҷаҳҳаз гардонида буда, шароити таълиму тадрис мувофиқи талаботи замон ба роҳ монда шуда, дар ин ҷода устодони ихтисосманди соҳа дарс меомӯзонанд.

Мақсад ва вазифаҳои аввалиндараҷаи фаъолияти факултети мазкур ҷорӣ намудани технологияи муосири энергетикӣ ва омода намудани мутахассисони оянда-соз мебошад.



## КАФЕДРАИ ҲАРБИИ ДОНИШКАДАИ ЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН




Кафедраи ҳарбии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон соли 2019 ташкил ёфта, то имрӯз фаъолият дорад. Бояд гуфт, ки кафедраи ҳарбӣ ба донишҷӯён тайёрии ҷисмонӣ, тактикаи ҷангӣ ва дигар масъалаҳои ҳарбиро меомӯзонад.

Дар кафедраи мазкур афсарони соҳибтаҷрибаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб гардида, илму донишҳои сиёсиву ҳарбӣ меомӯзонанд. Донишҷӯён аз рӯи ду ихтисоси техникии ҳарбӣ омода карда шуда, сазовори рутбаи ҳарбии афсарӣ мегарданд.




## ТАҲСИЛ ДАР ГУРӮҲИ МУШТАРАК

Соли 2021 дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон гурӯҳи муштараки таълимӣ дар формати (1+3) шакли мобилияти академию таълими шабакавӣ дар якҷоягӣ бо Донишгоҳи давлатии нафту техникии Уфаи Ҷумҳурии Бошқирдистони Федератсияи Россия ташкил гардид.

Бояд зикр намуд, ки гурӯҳи муштарак бо ташаббуси раёсати Донишкада синфхонаи шабакавии бинои факултети "Электро-энергетикӣ"-и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ба таълим фаро гирифта шуданд. Донишҷӯёни ин гурӯҳи муштарак баъди азхуд намудани барномаи таълимии курси 1-ум дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, барои идомаи таҳсили курсҳои 2, 3 ва 4-ум ба Донишгоҳи давлатии нафту техникии Уфаи Ҷумҳурии Бошқирдистони Федератсияи Россия сафарбар карда шуда, баъди хатм соҳиби дипломи таҳсилоти олии Федератсияи Россия мешаванд.






## ДАСТОВАРДҲОИ ДОНИШКАДА

Омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар озмунҳои ҷумҳуриявии "Илм фурӯғи маърифат", «Тоҷикистон-Ватани азизи ман» ва «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» иштироки фаъолона доранд ва ғолиби ҷойҳои намоён гардидаанд. Ёдовар мешавем, ки дар даври ниҳоии озмуни



ҷумҳуриявии "Илм фурӯғи маърифат", ки дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ма-гистранти курси дуюми кафедраи неругоҳҳои барқӣ Саидбеков Зикрулло аз рӯи номинатсияи "Ихтироъкорӣ ва навоварӣ", сазовори ҷойи сеюм ва омӯзгори ҳамин кафедра Неъматов Рустам сазовори ҷойи ифтихорӣ гардиданд.

***Акмал Қурбон***



## МАРКАЗИ БАҚАЙДГИРӢ ВА МАШВАРАТ



Маркази бақайдгирӣ, тестӣ ва машварат (минбаъд Марказ) ҳамчун ҷузъи сохтории раёсати таълим фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" аз 22.07.2013, №1004, "Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 30.12.2016, №19/24», «Низомномаи намунавии Маркази бақайдгирӣ ва машваратии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 28.08.2014, №18/7», "Оинномаи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон" ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда, барои ташкил ва қабули имтиҳонҳо, танзим ва таҳлили баҳогузорӣ, инчунин дар сатҳи зарурӣ ҷоннок кардани чараёни таълим мувофиқи низоми кредитии таҳсилот дар Донишкада равона гардида аст.



Ҳамзамон дар Марказ қабули имтиҳонҳои фосилавӣ (рейтинг) ва имтиҳонҳои ниҳоӣ шуъбаи рӯзона ва фосилавӣ низ тариқи Барномаи «Раванди таълим», ки барои автоматикунонии чараёни таълим дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шудааст, бо забони англисӣ «Uchproc», бо забони русӣ «Учебный протсес» ва бо забони тоҷикӣ «Раванди таълим», ки барои идоракунии системаи ташкили раванди таълим бо истифода аз технологияҳои навтарини иттилоотӣ сохта шудааст.

Аз компютерҳои Марказ донишҷӯён, магистрантон ва докторантон саволномаҳои тестии фанҳои омӯхташавандаро дастраст карда метавонанд.

## ХОБГОҲИ ДОНИШКАДАИ ЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН



Донишкадаи энергетикии Тоҷиикистон дорои 3 бинои замонавии хобгоҳи донишҷӯён мебошад. Хобгоҳ бо таҷҳизотҳои замони муосир, аз қабили кати хоб, оби гарм, ҳаммом, камераҳои мушоҳидавӣ муҷаҳҳаз буда, инчунин шаҳрчаи донишҷӯён фаъолият менамояд.

Бо мақсади ба танзим даровардани тартибу интизом, пешгирӣ намудани ҳама гуна амалҳои номатлуб дар байни ҷавонон дар бинои хобгоҳи донишҷӯён аз ҳисоби омӯзгорони Донишкада ҷадвал ташкил шуда, ҳамарӯза навбатдорон ва мураббии хобгоҳ мунтазам аз ҳолу аҳволи донишҷӯён бохабар мебошанд.

Мувофиқи нақшаи кории тасдиқгардидаи Созмони ҷавонони Донишкада дар хобгоҳ Шӯрои донишҷӯён таъсис ёфтааст, ки маҳфилҳои илмӣ-назариявӣ ва фарҳангиву фароғатиро дар байни донишҷӯён мегузаронанд.



> *Рушди соҳаи энергетика ба тараққиёти муназзами иқтисодии Тоҷикистон, хусусан, дар самти татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар нақши калидӣ мебозад.*
>
> *Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон*













## ДОВТАЛАБОНИ АЗИЗ, ҲАНГОМИ ИНТИХОБИ ТАЪЛИМГОҲҲОИ ОЛӢ ДОНИШКАДАИ ЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОНРО ДАР ҶОЙИ АВВАЛ ГУЗОРЕД!

**РАМЗИ ДЭТ 202**

| РАМЗ | НОМГӮЙИ ИХТИСОСҲО | МАБЛАҒИ ТАҲСИЛ (СОМОНӢ) | | РАҚАМИ КЛАСТЕР |
|---|---|---|---|---|
| | | РӮЗОНА | ФОСИЛАВӢ (ҒОИБОНА) | |
| 1-430101 | Нерӯгоҳҳои баркӣ | 4620 | 3295 | 1 |
| 1-430102 | Низом ва шабакаҳои энергетикии баркӣ | 4620 | | 1 |
| 1-430103 | Таъмини барқ | 4620 | 3295 | 1 |
| 1-430103-05 | Таъмини корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бо барқ | 4620 | | 1 |
| 1-430104 | Истгоҳҳои барқии ҳароратӣ | 4490 | | 1 |
| 1-430102-01 | Лоиҳакашӣ ва истифодабарии низомҳои энергетикии баркӣ | 4620 | | 1 |
| 1-080101-03 | Таълими касбӣ (энергетика) | 4490 | | 1 |
| 1-390101 | Радиотехника | 4620 | | 1 |
| 1-530104-03 | Автоматика ва ҳифзи релеии дастгоҳҳои электроэнергетикӣ | 4620 | | 1 |
| 1-530104-05 | Воситаҳои техникии назорат ва ҳисоби истифодаи энергия | 4620 | | 1 |
| 1-530105 | Автоматонии ҳаракатовараҳои баркӣ | 4620 | 3295 | 1 |
| 1-530105-01 | Автоматонии ҳаракатовараҳои барқии дастгоҳҳои саноатӣ ва нақлиётӣ | 4620 | | 1 |
| 1-430105-05 | Манбаъҳои барқароршавандаи ғайрианъанавии энергия | 4490 | | 1 |
| 1-430107 | Истифодабарии техникии таҷҳизоти барқии муассиса | 4620 | | 1 |
| 1-430106 | Технологияи энергияи самарабахш ва менеҷменти энергетикӣ | 4490 | | 1 |
| 1-700401-01 | Сохтмони гидротехникӣ | 4490 | | 1 |
| 1-700401-03 | Сохтмон ва истифодабарии нерӯгоҳҳои обию баркӣ | 4490 | | 1 |
| 1-700401 | Сохтмон ва хоҷагии об | 4490 | | 1 |
| 1-270101-10 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика) | 4490 | 3295 | 2 |
| **МАГИСТРАТУРА** | | | | |
| 1-430101 | Нерӯгоҳҳои баркӣ | 4620 | | |
| 1-430103 | Таъмини барқ | 4620 | | |
| 1-430105-05 | Манбаъҳои барқароршавандаи ғайрианъанавии энергия | 3295 | | |
| 1-530104-03 | Автоматика ва ҳифзи релеии дастгоҳҳои электроэнергетикӣ | 3295 | | |
| 1-270101-10 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика) | 3295 | | |
| 1-700401-01 | Сохтмони гидротехникӣ | 3295 | | |
| **ДОКТОРАНТУРА АЗ РӮЙИ ИХТИСОС (PhD)** | | | | |
| 6D071800 | Энергетикаи электрикӣ | | | |
| 6D072900 | Сохтмон | | | |

**СУРОҒАИ ДОНИШКАДА:** 735162, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Кӯшониѐн, ҷ/ш Бохтариѐн, кӯчаи Носири Хусрав 73.
**Web:** www.det.tj, **E-mail:** det-tj@mail.ru, Тел: (+992)935646407, (+992)777076502, (+992)550002929, (+992)988657470.











НУРАФШОН
Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон
Муҳаррир: Акмал Қурбонов

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Исозода Диловаршоҳ
Зувайдуллозода Файзулло
Обидҷони Шаҳобиддин
Шарифова Зарина
Аҳмадҷон Ализода

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №130/РЗ-97 аз 27.03.2019. ба қайд гирифта шудааст. Ба хотири гуногунандешӣ мато-либе низ нашр мешаванд, ки рӯзнома метавонад бо муалли-фон ҳамақида набошад ва масъ-улияти онро ба дӯш нагирад.

Рӯзнома моҳе як маротиба дар Маркази инноватсионӣ ва парки технологии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон нашр мешавад. Нишонии мо: н.Кӯшониён, ҷамоати шаҳраки Бохтариён, кӯчаи Носири Хусрав 73.